Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/14, E-mail:fardullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи "Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия, (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Докторант дар таҳқиқоти худ дарҷ намуда аст, ки айни замон дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ бояд моҳияти стратегияи рушдро дарк намоянд ва аҳамияти иқтисодии онро барои ҳолати молиявии бонк баррасӣ намуда тавонанд. Зимнан қайд карда мешавад, ки дар низоми бонкӣ масъалаҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки бартарафнамоии онҳо метавонад ба рушди устувори низоми бонкӣ мусоидат намояд. Махсусан масъалаҳое, ки бо фароҳамории шароит барои фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ, баландбардории нақши бонкҳо дар иқтисодиёти воқеӣ ва таҳкими пояҳои бонкдорӣ вобастаанд, бояд мавриди баррасӣ ва ҳалли ҳамаҷиҳата қарор дода шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди стратегияи низоми бонкии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҷиҳати навсозӣ ва баланд бардоштани устувории он тадбирҳои муассир таҳия карда шавад, ки дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

Дар автореферат докторант аз тарафи худ таҳлили амиқи низоми бонкиро овардааст, вазъи кунуниро дуруст арзёбӣ намудааст, ки барои такмилдиҳии стратегияи бонкӣ хуб мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти доктарант аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки истифодаи стратегияи бонки тиҷоратӣ агар аз яктараф барои рушди бонкҳои тиҷоратӣ муфид бошад аз ҷониби дигар имконияти рушди минбаъдаи институтҳои молиявиро бо назардошти тағйиротҳо таъмин менамояд.

Дар баробари қайди ҷиҳати мусбии автореферати мазкур, мехостем баъзе тавсияҳоро пешниҳод намоем, ки он метавонанд дар оянда ба



Сканировано с CamScanner

арзиши илмию амалии таҳқиқот таъсири мусбӣ расонанд: - хуб мешуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии стратегияи бонкӣ, бо мақсади аёнтар тасвир намудани мафҳумҳои стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ, онҳоро дар як ҷадвали алоҳида манзур менамуд.

Умуман, автореферат дар мавзуи "Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ" аз рӯи натиҷаи илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда: д.и.и., профессор,**
**муовини ректор оид ба таълими**
**МД «Донишкадаи байналмилалии**
**Хуҷанд»-и МД «ДБССТ»** **Бобоҷониён Д.Д.**

ШУЪБАИ
КАДРҲО ВА
КОРҲОИ
МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 27, х. 1,
МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»,
e-mail: bobojonovd@rambler.ru; тел.: +992 92 773 46 46



Сканировано с CamScanner